# Хулосаи
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 014
## дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Парвандаи аттестатсионии №______
қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 02.10.2021, суратҷаласаи №15

Оид ба Иброҳимзода Одилхон Юлдош, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шакли дастхат аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 (прот. №05 аз 27.05.2021) дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (прот. №24 аз 06.06.2017) ташкил шудааст, ба ҳимоя қабул гардид.

Иброҳимзода Одилхон Юлдош, Соли таввалудаш - 1978, соли 2003 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо тахассуси иқтисодчӣ хатм намудааст. Аз соли 2003 то соли 2012 дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, солҳои 2012-2020 дар вазифаҳои коргузори кафедраи маркетинг, ассистенти кафедраи маркетинг, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодӣ ва мудири кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2020 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи назарияи иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ кор карда истодааст.

Теъдоди умумии мақолаҳои илмиаш 15 ададро ташкил медиҳад, ки онҳо дар нашрияҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳо ба чоп расидаанд.

Солҳои 2015-2019 унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ баҳисоб рафта, кори илмӣ-таҳқиқотии худро ба анҷом расонидааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Субҳонзода Икром Субҳон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент дирек-тори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Низамова Туҳфамо Давлатовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Раҳимов Ҷамшед Одинабекович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, ш.Душанбе

**Ташкилоти тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар хулосаи мусбии худ бо имзоҳои эксперт, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Ф.С. ва бо тасдиқи он аз тарафи ректори донишгоҳ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ., қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Иброҳимзода О.Ю. ҷавобгӯи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

**Корҳои муҳимтарин оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1.Иброҳимзода О.Ю. Соҳибкории хурд ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. -Душанбе: 2019. - №-8.- С.106 -111.

2.Иброҳимзода О.Ю. Таҳлили ҳолати рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 3(28)/2019. -С. 95-105.

3.Иброҳимзода О.Ю. Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар сектори аграрии кишвар //Кишоварз /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемр.– Душанбе 2019.- №4(85).- С. 180-184.

4.Иброҳимзода О.Ю. Нақши лизинг дар рушди фаъолияти соҳибкории бахши аграрӣ //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2020. -№ 4(2). –С. 76-79.

5.Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. Рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. – Бохтар, 2020. -№1/4 (80). -С. 239-243. (0,26 ҷ.ч. муаллиф).

6.Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. Рушди инфрасохтори истеҳсолии кишоварзӣ ва нақши он дар иқтисодиёт //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2020. -№1-2(5-6). –С. 82-85. (0,2 ҷ.ч. муаллиф).

7.Иброҳимзода О.Ю., Субҳонзода И.С. Таҳлили ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷроиши даромаднокии буҷети давлатӣ //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. –Бохтар, 2021. -№1/4 (80). –С. 263-267. (0,3 ҷ.ч. муаллиф).

8.Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. Ислоҳоти бозории муносибатҳои аграрӣ ва марҳилаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт //Кишоварз /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.- Душанбе, 2021.- №1(90).- С. 169-172. (0,25 ҷ.ч.муаллиф).

9.Субҳонзода И.С., Иброҳимзода О.Ю. Ҳолати кунунии суғуртаи аграрӣ дар Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - Душанбе, 2021.- №1(28).- С. 180-185. (0,3 ҷ.ч. муаллиф).

**Ба автореферати диссертатсия тақриз додаанд:**

1. **Доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б. –** профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи Миллии илмии Тоҷикистон, дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1). Дар автореферат (саҳ. 15, диаграммаи 1) ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷроиши даромаднокии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 – 2020 бо ҳисоби фоиз оварда шудааст, ки дар соли 2020 назар ба соли 2014 ба андозаи 0,9% коҳиш ёфтааст, аммо диссертант сабабҳои коҳишёбӣ ва роҳҳои баландбардории онро таҳлил ва пешниҳод накардааст: 2). Мавзӯи диссертатсия дар сатҳи ҷумҳурӣ интихоб гардидааст. Аммо, мутаассифона диссертант танҳо аз маълумотҳои агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст, ки ин барои муайян кардани рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ нокифоя аст. Беҳтар мешуд, ин нишондиҳандаҳо интихобан аз*

*хоҷагиҳои деҳқонии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешуданд.*

2. **Доктори илмҳои иқтисодӣ Шаропов Ф.Р.** – дотсент, муовини ректор оид илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1). Дар боби якуми диссертасия ақидаи муаллифонаи рисоланавис мушаххас нест, яъне назарияи худро оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда баён накардааст. 2). Маллиф дар диаграммаи 1 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқониро дар иҷроиши даромаднокии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2014 – 2020) мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо, сабабҳои афзоиш ё камшавии ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон норавшан аст.*

**Номзади илмҳои иқтисодӣ Ашурзода А.Н.** - дотсенти кафедраи менеҷменти истеҳсолии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1). Барои такмил додан ва ҳавасмандии рушди соҳибкории аграрӣ дар боби 2 ё боби 3 диссертатсия аз ҷониби муаллиф ягон модели консептуалӣ ё матритса таҳия карда мешуд, боз ҳам сифати диссертасияро баланд мебардошт. 2). Дар автореферат ғалатҳои имлоию грамматикӣ ба назар мерасанд.*

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси маъруфияти онҳо дар соҳаи иқтисодиёт, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт. Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда дар он асос ёфтааст, ки самти фаъолияти илмии таҳқиқотӣ ва амалии воҳиди сохтории он ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, ба додани тақриз розӣ мебошад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаб дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- моҳияти соҳибкории аграрӣ ҳамчун фаъолияти мустақилу ташаббусноки субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, ки дар шароити хавфу хатар ва номуайянии муносибатҳои бозорӣ истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолиро барои ба даст овардани даромад таъмин менамоянд, тавсиф дода шуда, ҳамзамон соҳибкории аграрӣ чун категорияи "соҳибкории деҳот" арзёбӣ гардидааст, ки он қарорҳои идоракуниро дар сатҳи соҳибкории кишоварзӣ ва соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот фаро мегирад. Исбот шудааст, ки рушди самараноки соҳибкории кишоварзӣ бевосита ба соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот вобастагӣ дорад. Зеро соҳибкории ғайрикишоварзӣ ба рушди инфра-сохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба сектори аграрӣ мусоидат менамояд;

- хусусиятҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар сектори аграрии ҷумҳурӣ, ки аз омилҳои табиию биологӣ, вижагии истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, лапишҳои истеҳсолӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, фондғунҷоиши баланди истеҳсолӣ вобаста мебошад, муайян карда шудаанд;

- бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ самтҳои асосии ва такмили шаклу усулҳои дастгирии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ дар шароити Тоҷикистон муайян гардида, вобастагии механизми хоси он ба унсурҳои танзими бозорӣ нишон дода шудааст;

- таҳлилҳои гузаронидашуда дар муносибатҳо ва зинаҳои ташаккулу равнақи соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ нишон дод, ки он ба ҳалли масъалаҳои ташкили бозори замин, ҳуқуқи моликият ва иҷораи онҳо вобаста мебошад. Дар ин раванд, дар диссертатсия ду роҳи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян гардидааст: дар

асоси муносибатҳои ҳуқуқи моликият бар истифодабарии замин; роҳи дуюм- иҷораи замин (яъне афзоиши теъдоди иҷорагирандагони замин, ки ҳуқуқҳои маҳдуди соҳиб ва истифодаи истеҳсолии заминро, аз ҷумла бо ихтиёрдории монополии маҳсулоти бадастоварда доро мебошанд);

- самтҳои ояндадори рушди соҳибкории кишоварзӣ асоснок гардида, амсилаи эконометрикии танзими истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ таҳия гардида, вобастагии байни истеҳсоли зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ муайян карда шуд. Дар асоси амсилаҳои қаторҳои вақтӣ ва авторегрессионӣ дурнамои фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ то соли 2025 тавсия шудааст.

- маҷмӯи чораҳои ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон, аз ҷумла, зарурати дурнамои рушди системаи суғуртаи кишоварзӣ такмили қонунгузории он, таҳияи навъҳои нави хизматҳо ва бозсозии институтсионалӣ барои рушди соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок мешавад, ки дар он:**

- хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявӣ-амалии раванди ташаккул ва таҳлили механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ мусоидат мекунад.

- пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ овардшуда метавонанд татбиқи амалии худро дар заминаҳои қонунгузории таҳқиқоти низоми идоракунӣ ва баландбардории самаранокии соҳибкории аграрӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дақиқ намоянд.

**Моҳияти натиҷаҳои таҳқиқот, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, дар амал бо мавридҳои зерин тасдиқ мешаванд:**

- натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо метавон дар самти коркард ва такмил додани механизмҳои арзёбӣ ва фаъолияти соҳибкории иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

- Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии рисола дар ҷараёни таҳияи «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» истифода шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд ки:**

- эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифон дар мавзӯи таҳқиқшуда, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст.

- хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ин аст:**

- муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, такмил додани моҳияти иқтисодии соҳибкории аграрӣ, таҳқиқ ва муайян намудани самаранокии он нисбат ба дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ иборат буда, муаллиф роҳҳои ҳалли масъалаҳои

рушди соҳибкориро тавассути танзими давлатӣ бо истифода аз механизмҳои андозбандӣ, дастгирии молиявӣ, суғурта ҳамчун омилҳои муҳими рушди соҳибкории аграрӣ пешниҳод намудааст.

- Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ба чоп расидаанд. Хулоса ва муқаррароти асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнал-милалӣ баррасӣ гардида, дастгирӣ ёфтаанд.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ (02.10.2021) қарори сазовор донистани Иброҳимзода Одилхон Юлдош бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 14 нафар, аз ҷумла 8 доктори илм аз руйи ихтисосии баррасишаванда. Овоз доданд: Тарафдор 14 нафар, муқобил- нест, Бюлетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, професср Шарифов З.Р.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исломов Ғ.Ҳ.